Имрӯз тибки накшаи макомоти ичроияи хокимияти давлатии вилояти Сугд мулокоту вохӯрихои гурухи таргиботӣ бо ахолӣ вобаста ба пешгирии шомилшавии чавонон ба хизбу харакатхои ифротгаро, рох надодан ба таълимоти гайрирасмии динӣ ва таквият бахшидани хисси худшиносию худогохӣ ва ватандӯстӣ дар чомеа бо сокинон ва донишчӯёни нохия дар Чамоати шахраки Мехнатобод ва дар Чамоати шахраки Зафаробод мулокот баргузор гардид.

Дар мулокоти мазкур муовини раиси нохия Абдусаломзода М.А, сардори шуъбаи нохиявии дар нохия будаи Кумитаи давлатии амнияти миллӣ Давлатов З.Ч, муфаттиши прокуратураи нохия мушовири адлияи дарачаи 3 Машрафзода С. муовини шуъбаи вазорати корхои дохилӣ дар нохияи Зафаробод Абдуллоев, раиси хизби халкии демократии Точикистон дар нохияи Зафаробод Шарифзода Т ва гурухи таргиботии макомоти ичроияи хокимияти давлатии вилояти Сугд бо иштироки дотсенти Донишгохи давлатии Хучанд ба номи академик Бобочон Гафуров - Файзуллоев Мухиддин, собикадори мехнат - Миркамолов Махкам, сармутахассиси маркази метрология, сертификатсия ва нозироти савдои вилоят Музафаров Эркин иштирок намуданд ва дар масъалаи мубрами рӯз баромад намуда, таъкид карданд, ки имрӯзхо чомеаи чахониро хатаре бо номи терроризм ва экстремизм фаро гирифта дар шароити хассосу тахаввулпазири низоми чахонӣ тахдиду талошхо ба амну суботи чомеаи башарӣ ба таври бесобика ва бо шаклу намудхои мухталиф ба маротиб боло рафта истодааст. Чахони муосир бо як катор мушкилоту муаммои чиддӣ, аз кабили терроризми байналмилалӣ, ифротгароии сиёсӣ ва мазхабӣ, кочоки маводди мухаддир, харидуфуруши аслиха ва гайра рӯ ба рӯ шуда, дар натича дар иддаи аз кишвархо на танхо оромишу субот, балки тамомияти арзӣ ва мавчудияти онхо тахти суол карор гирифтааст.

Мутассифона, дар замони муосир афрод, гурӯххо ва кудратхои хадафманд аз рӯи накшаи пешаки тахияшуда мехоханд барои шаклгирии харакатхои ифротӣ дар чомеаи имрӯзаи мо замина гузоранд.